## 1. Мухтасар таърихи мактаби илмӣ

Мактаби илмии доктори илмҳои физикаю математика, профессор Нуров Исҳоқбой Ҷумаевич **“Моделсозии компютерии ҳодисаҳои бифуркатсионӣ ва сиклҳои ҳудудӣ дар системаҳои динамикӣ”** ном дошта он аз соли 2010 фаъолият дорад. Аз ҳамон сол саркарда дар ин мактаби илмӣ семинарӣ илмӣ фаъолият дорад. Дар ин семинар натиҷаҳои илмии худро н.и.ф.-м Халилова М.Ш., н.и.ф.-м Арабов М.Қ., н.и.ф.-м Гулов А.М., н.и.ф.-м Ахмедов Ҷ.Т., н.и.ф.-м Қобилзода М.М., н.и.ф.-м Шарифзода З.И., Каримов М. докторанти кафедраи информатика, Фатҳуллоев Н.И. ва Убайдов М.З. докторанти кафедраи таҳлили математикӣ ва назарияи функсияҳо ба даст овардаанд. Ин семинар дар фазои илмии баланд гузаронида мешавад. Қайд менамоем, ки иштирокчиони фаъоли ин семинар д.и.ф.-м., профессор Юмагулов М.Г., д.и.ф.-м., профессор Нозимов А.Б., д.и.ф.-м., профессор Байзоев А., д.и.ф.-м., профессор Наимов А.Н., н.и.ф.-м., дотсент Хусейнов Т.Х ва дигарон ба шумор меравaнд. Дар семинари мазкур математикон аз Амрико, Шветсия, Ӯзбекистон, Миср, Русия ва Тоҷикистон баромад менамоянд.

**2.** Акси академик роҳбари мактаби илмӣ



**Тарҷумаи ҳол**

Профессор Нуров Исҳоқбой Ҷумаевич 10 феврали соли 1962 дар ноҳияи Мастчоҳ ба дунё омадаанд. Таҳсилоти миёнаи умумиро дар зодгоҳ гирифта, соли 1979 ба факултаи номдори механикаю математикаи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон (ҳоло ДМТ) дохил шуда, онро соли 1984 бо муваффақият хатм намудаанд. Баъд аз хатми донишгоҳ барои идомаи фаъолияти илмӣ ба Институти математикаи АИ ҶТ ба кор меравaнд ва бо мактаби илмии математики машҳури тоҷик, профессор Муҳаммадиев Эргашбой мепайванданд. Баъдан ба аспирантура дохил шуда, соли 1992 зери роҳбарии математики барҷаста, профессор Юмагулов Марат дар шаҳри Маскав рисолаи номзадии худро бо муваффақият ҳимоя менамоянд. Корҳои илмии худро давом дода, соли 2008 зери роҳбарии ин олими варзида рисолаи докторӣ дифоъ менамоянд ва сазовори унвони доктори илмҳои физикаю математика мегарданд. Аз соли 2001 то 2010 ходими пешбари илмии Институти математикаи Академияи илмҳои Тоҷикистон ва аз соли 2010 то соли 2014 ҳамчун дотсенти кафедраи информатика ва системаҳои информатсионии Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон фаъолият намуданд. Аз соли 2017 то инҷониб ба ҳайси профессори кафедраи технологияҳои иттилоотӣ ва иртиботии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият менамоянд.

Профессор Нуров Исҳоқбой ҳамчун олим таълифоти илмии назаррасе доранд. Дар конфронсҳои байналмилалӣ дар шаҳрҳои Маскав, Қазон, Уфа, Воронеж, Новосибирск, Дубна, Ярославл, Киев ва дигар марказҳои илмӣ иштирок ва маърӯза намудаанд. Инчунин солҳои 2007 ва 2008 дар конфаронси байналмилалӣ дар Италия иштирок ва суханронӣ кардаанд. Ба қалами устод Нуров И. зиёда аз 70 мақолаи илмӣ ва зиёда аз 20 дастури таълимию методӣ тааллуқ дорад.

## МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ ТАҲСИЛ ВА КОР

| | |
|---|---|
| 09.1979 - 1984 | Донишҷӯи шӯъбаи математикаи амалии факултети механикаю математикаи Донишгоҳи Давлатии Тоҷикистон |
| 1984 - 1986 | Афсар. Округи ҳарбии Киев |
| 1986 - 1992 | Ходими хурди илмӣ, аспиранти Институти математикаи АИ ҶТ |
| 1992 - 1996 | Дотсенти, каф. “Забонҳои барномасозӣ” –и Донишгоҳи Давлатии Тоҷикистон |
| 1996 - 1999 | Докторанти Донишгоҳи Давлатии Миллии Тоҷикистон. |

| | |
|---|---|
| 1999 - 2010 | Ходими пешбарандаи илмӣ-и “Инистути матекатикаи АИ ҶТ” |
| 2010 – 2014 | Дотсенти донишгоҳи Славянии Русия ва Тоҷикистон |
| 2014 – 2017 | Мудири кафедраи “Таҳррезӣ ва низоми иттилоотӣ”-и факултаи механика ва математикаи ДМТ |
| 2017 – то инҷониб | Дар вазифаи профессори кафедраи «Технологияҳои иттилоотӣ ва иртиботӣ» -и Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон |

## 2. Маълумоти мухтасар оид ба самтҳои асосии таҳқиқотии мактаб

Мактаби мазкур ба масъалаҳои зерин диққати махсус медиҳад:

1. Таҳлили сифатии ва компютерии системаҳои динамикӣ
2. Тақсимоти секторӣ ва моделсозии компютерии портретҳои фазавӣ дар системаҳои динамикии ғайрисуфта
3. Таҳқиқи мавҷудияти ҳалҳои даврӣ дар системаҳои динамикии суфтанабуда
4. Таҳлили сифатии муодилаҳои канишдор
5. Сохтани алгоритмҳо ва барномаҳои тасдиққунандаи ҳалҳо дар системаҳои динамикӣ
6. Моделсозии математикӣ ва таҳлили сифатии муодилаҳои дифференсиалии ҷаҳишдор

## 3. Дастовардҳои назариявӣ ва амалии мактаб

Мактаби илмии Нуров И.Ҷ. нишонаҳои махсусеро дорост. Тамоми натиҷаҳои ба дастовардааш тасдиқи компютериро доро мебошанд. Яъне портрети фазавии ҳалҳо баъди таҳлили сифатӣ ҷои дуюмро ишгол менамоянд. Соли 2024 оиди ин масъала Нуров И.Ҷ. дар конфаронси байналмилалии ш. Уфа баромад пленарии 45 дақиқагӣ намуданд. Ин баромад таваҷҷуҳи бисёре аз олимонро ба худ ҷалб намуд. Таҳлили ҳодисаҳои фотосинтез ки аз тарафи Шарифзода Зебониссо гузаронида шуд, аз тарафи олимони Донишгоҳи давлатии Масков ба номи Ломоносов баҳои баланд дода шуд. Тақсимоти секторӣ дар фазои сеченака ки аз тарафи Гулов А.М. гузаронида шуд, ин навгонии чашмрас мебошад. Гулов А.М. натиҷаҳои ба даст овардаашро дар конфаронси байналмилал дар Воронеж нақл намуда диққати ҳамагонро ба худ ҷалб намуд. Баъди ҳимояи номзадии Арабов Муллошараф академик Михайлов Л.Г. суханро ба даст гирифта чунин гуфтанд “ Это вклад в науке “. Ба дастаи

нави барномаҳои Ахмедов Ҷ. профессор Ризниченко  дар Дубнаи ФР баҳои баланд доданд.

**4. Теъдоди Шогирдон (номзадон ва докторон) ва идомадиҳандагони мактаби илмӣ (Саҳми онҳо дар рушду таъсиси мактабҳои илмӣ)**

Зери роҳбарии профессор Нуров Исҳоқбой Ҷумаевич 6 нафар ҳимояи номзадӣ намуданд (н.и.ф.-м Халилова М.Ш., н.и.ф.-м Арабов М.Қ., н.и.ф.-м Гулов А.М., н.и.ф.-м Ахмедов Ҷ.Т., н.и.ф.-м Қобилзода М.М., н.и.ф.-м Шарифзода З.И., ва Каримов М., Фатҳуллоев Н.И., Убайдов М.З. бошад омодаи ҳимояи кори номзадӣ мебошанд. Инчунин ба ин мактаб донишҷӯён  аз курсҳои якум то чорум низ ҷалб карда мешаванд.



Профессорон Муҳамадиев Э.М., Нуров И.Ҷ. бо ҳамроҳии шогирдон

**5. Ҳамкориҳо ва таъсири мактаби илмӣ дар дохил ва хориҷи кишвар (Иштирок дар конференсияҳои байналмиллалӣ, семинарҳо ва ғайра).**

Ҳамкориҳои илмии гуруҳи номбурда ба донишгоҳи давлатии Вологда, донишгоҳи давлатии УФА, донишгоҳи давлатии Воронеж хуб ба роҳ монда шудааст. Дар режими Scype бо донишгоҳҳои номбурда семинарҳо гузаронида мешавад. Ба корҳои илмие, ки дар гурӯҳ бурда мешаванд, донишҷуён ҷалб карда мешаванд. Масалан, дар соли номбурда як гурӯҳи донишҷуён на танҳо аз Донишгоҳи миллӣ, балки аз дигар донишгоҳҳо ба мисли (Филиали Ломоносов ва Славяни) маърузаҳои илмӣ намуданд. Аз Олмон бошад, гурӯҳи мо бо профессор Leine ҳамкорӣ дорад. Дар навбати худ олими номбурда ба тадқиқотҳои илмии мо ҳусни таваҷҷуҳ намуд. Ба ғайр аз донишгоҳҳои Уфа ва Вологда гурӯҳи илмии мо бо институти масъалаҳоии коркарди ахбор ва институти Идоракунии ш. Москави Руссия алоқаи илм дорад. Илова бар он гурӯҳи мазкур бо донишгоҳҳои славянӣ, омӯзгорӣ, техникӣ, филиали донишгоҳи Ломоносов дар Душанбе алоқаи хуб дорад.



Бо профессор Сайлау Байзаков (Қазоқистон) пас аз семинари гурӯҳи илмии моделсозии математикии ҳодисаҳои бифуркатсионӣ дар системаҳои динамикии (Душанбе, с. 2019)



Бо профессор Юмагулов Марат Гаязович (Руссия) пас аз семинари гурӯҳи илмии моделсозии математикии ҳодисаҳои бифуркатсионӣ дар системаҳои динамикии (Душанбе, с. 2020)

6..Натиҷаҳои илмӣ аз ҷумла нашри монографияҳо ва мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои Scopus, Web of Science ва дигар пойгоҳҳои бонуфуз ба нашр расидаанд.

1. М. К. Арабов, Э. М. Мухамадиев, И. Д. Нуров, Х. И. Собиров, “Признаки существования предельных циклов дифференциальных уравнений второго порядка”, Уфимск. матем. журн., 9:4 (2017), 3–11 mathnet elib; M. K. Arabov, E. M. Mukhamadiev, I. D. Nurov, Kh. I. Sobirov, “Existence tests for limiting cycles of second order differential equations”, Ufa Math. J., 9:4 (2017), 3–11 isi scopus

2. Э. М. Мухамадиев, И. Д. Нуров, М. Ш. Халилова, “Предельные циклы кусочно-линейных дифференциальных уравнений второго порядка”, Уфимск. матем. журн., 6:1 (2014), 84–93 mathnet elib; E. M. Mukhamsdiev, I. D. Nurov, M. Sh. Khalilova, “Limiting cycles of piece-linear second order differential equations”, Ufa Math. J., 6:1 (2014), 80–89 scopus

3. Мухамадиев Э.М.,Нуров И.Дж., Шарифзода З.И. Качественный анализ и устойчивость динамики фотосинтеза в авторофных системах // Владикавказкий математический журнал. 2021 г. Том 23, №3, DOI 10.46698/u3748-9762-0471-a. Scopus. С. 113-125.

4. Шарифзода З.И. Об устойчивости стационарного решения одной нелинейной системы дифференциальных уравнений // Доклады Национальной академии наук Таджикистана. -2021. -Т. 64. -№11-12.

5. Шарифзода З.И.,Мухамадиев Э.М.,Нуров И.Дж. О циклических решениях уравнения Понтрягина с малым параметром // Итоги науки и техн. Сер. Соврем. мат. и ее прил. Темат. обз., 194 (2021), Scopus С. 167–171

6. Д. Т. Ахмедов, Э. М. Мухамадиев, И. Дж. Нуров. Периодические и ограниченные решения нелинейных дифференциальных уравнений второго порядка \\ Владикавк. мат. журн. 2022. Т. 24, вып. 2. Scopus. DOI: 10.46698/g4784-3971-1105-g С. 35-50

7. Азизов Р.Э., Нуров И.Дж. О некоторых особенностях возникновения предельных циклов дифференциальных уравнений второго порядка //Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия естественных наук. 2022. № 2-4 (105). С. 8-11.

8. Мухамадиев Э.М., Каримов М.М., **Нуров И.Дж.** Исследование бифуркации периодических решений для двумерной динамической системы с главной однородной частью //Доклады Национальной академии наук Таджикистана. 2023. Т. 66. № 3-4. С. 162-169.

9. Шарифзода З.И. О периодических решениях нелинейного дифференциального уравнения, зависящего от параметра / Э.М. Мухамадиев, И.Д. Нуров, З.И. Шарифзода // ДАН РТ. -2018. -Т.61. -№11-12. -С. 822-828.

10. Шарифзода З.И. Качественные исследования нелинейной задачи фотосинтеза / Э.М. Мухамадиев, И.Д. Нуров, З.И. Шарифзода //ДАН РТ.-2019. -Т.62. -№9-10. -С. 511-518.

11. Мухамадиев Э.М., Нуров И. Дж., Гришанина Г.Э., Убайдов М.,З. Исследование кусочно- линейных дифференциальных уравнений второго порядка/ Известия вузов. Математика 2025, №7, с.82- 95. Scopus.

12. Собиров Х.И., Нуров И.Д. Компьютерный анализ и классификация особых точек решений нелинейного дифференциального уравнения второго порядка \\ Вестник Таджикского национального университета. Серия естественных наук. 2017. № 1-4. С. 10-15.

13. Ахмедов Д.Т., Нуров И.Д. Устойчивость и периодичность в задачах с вынужденным колебанием нелинейной системы второго порядка \\ Вестник Таджикского национального университета. Серия естественных наук. 2017. № 1-3. С. 45-49.

14. Ахмедов Д.Т., Мухамадиев Э.М., Нуров И.Д. Периодические и ограниченные решения квазилинейных уравнений второго порядка \\ Вестник Воронежского государственного университета. Серия: Физика. Математика. 2019. № 3. С. 59-66.

**Китобҳои дарсӣ ва дастуру воситаҳои таълимӣ**

1. М.К.Арабов, И.Дж.Нуров. Основы программирования на языке Pascal ABC.Net. Учебное-методическое пособие.-Душанбе:РТСУ.2018.-218с.
2. Арабов М.К., Замонов М.З., Нуров И.Дж. Криптографические методы защиты информации: Учебное-методическое пособие. .-Душанбе:РТСУ.2018.-390с.
3. Дастури таълимӣ-методӣ. Алгоритмҳо ва тарҳрезии компютерии системаҳои динамикӣ,- 2016-Душанбе. “Эр-граф”.-148 с. Нуров И.Ҷ., Шарифзода И.З.
4. М.Г. Юмагулов, И.Ҷ. Нуров. Муодилаҳои дифференсиалии оддӣ: Назария ва татбиқ. – Душанбе, УФА,2021, 183 саҳ.

7. Ҷоизаҳои байналмиллалӣ ва дастовардҳое, ки ба роҳбари мактаби илмӣ, аъзоён ва шогирдон дода шудаанд. Бояд қайд намуд, ки Арабов М.Қ. яке шогирдони профессор Нуров И.Ҷ. имруз устоди донишгоҳи давлатии Қазон мебошад. У то ҳол олимпиадаҳои байналмилалиро оид ба барномасозӣ зери назорати худ гирифтааст. Бо қалами Арабов М. Қ. зиёда аз 20 китоби дарси оиди барномасозӣ ва технологияи иттилоотӣ ба чоп дода шуда аст.

Гулов А.М. ва Ахмедов Ҷ.Т. дар лоиҳаҳои байналмилал оиди татбиқи барномасозӣ дар масъалаҳои амалӣ фаъолият намуда истодаанд. Номбурдагон кушиши бисёре намуда истодаанд, ки донишҷӯёни факултети механикаю математикаро ба ин лоиҳаҳо ҷалб намоянд. Халилова М.Ш. бо Академияи илмҳои миллии Тоҷикистон ҳамкорӣ намуда истода аст. У роҳбари бахши проектҳо дар АМИТ ба шумор меравад.